# ТУНДГАРОҲ – ахлоқи номатлуб

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, барои ҳар инсон шароити зиндагии мусоиду арзанда фароҳам овардааст. Ин матлаб дар оғози матни Конс-титутсияи кишвар дарҷ гардида, асоси идеологияи давлати миллии моро ташкил медиҳад ва яке аз бахшҳои муқаддасоти миллии мо маҳсуб меёбад. Мавриди зикр аст, ки кулли арзишҳои моддӣ ва маънавии мо дар асоси ин матн бояд ташаккул ёфта, манфиатҳои он ба таври қатъӣ аз тарафи шаҳрвандон, ҳизбҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ақалиятҳои нажодиву динӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Вале имрӯз дар ҷомеаи мо ҳизбу ҳаракатҳое вуҷуд доранд, ки ин матолибро сарфи назар карда, мехоҳанд ба осонӣ, бо зикри камбудию мушкилоти ҳаёти аҳли ҷомеа ва интиқоди фаъолияти мақомоти давлатӣ таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб созанд. Аз ҷумла, ТТЭ ҲНИ дар симои роҳбарону намояндагони худ ин роҳи боз ҳам содатарро идома медиҳад. Баррасиҳои ҷомеашиносон нишон медиҳад, ки ТТЭ ҲНИ бо наздикшавии чорабиниҳои муҳими сиёсӣ пайи амалӣ намудани ҳадафҳои гуногуни нопоки хеш талош меварзанд. Махсусан, роҳбарияти ҳизби мазкур бо ҳар восита мекӯшанд хешро дар ҷомеа бештар муаррифӣ намоянд. Вале мардуми бофарҳанги тоҷик хуб медонанд, касоне, ки ба нафъи мардум кори неке анҷом медиҳанд, эҳтиёҷ ба таблиғу ташвиқ надоранд, зеро халқ довару дастгири онҳост. Мутаассифона, роҳбарияти ТТЭ ҲНИ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар сиёҳ намудани мақомоти давлатӣ аз дигарон пештар гузарад.

Хушбахтона, мардуми тоҷик хуб медонанд, ки дини мубини ислом муқобили инсонҳои худпарасту фосиқ буда, душманӣ, ҳасад ва киб-ру ғурурро маҳкум менамояд. Нафароне, ки воқеан ин аркомро дар амал татбиқ менамоянд, дар ҷомеа иззату обрӯ пайдо мекунанд. Боиси таассуф аст, ки бархе ба ном тақводорон зери ниқоби ислом баромад карда, баҳри амалӣ кардани ниятҳои нопоки худ мафкураи ҷомеаро заҳролуд намуда, ғояҳои дини мубини исломро аз нигоҳи ғаразноки худ шарҳ медиҳанд ва мардумро, махсус ҷавононро, ба роҳи ифротгароиву хурофотпарастӣ ҳидоят мекунанд.

Аз ин рӯ, мо шаҳрвандонро зарур аст, ки аз имконияту шароити фароҳами имрӯза пурра истифода бурда, саҳми арзандаи хешро дар ҷомеаи навини тоҷик гузорем. Қабл аз ҳама, зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем ва пеш аз ҳар як корро пеша кардан андеша намоем, зеро таҷрибаи бойи ниёгони мо нишон додааст, ки ба ҳадафҳоямон танҳо бо таҳаммулпазирӣ мерасем. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, яке аз роҳҳои асосии эмин нигоҳ доштани насли наврас аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти баланди миллӣ тарбия намудану ба кору амалҳои нек ҷалб кардани мост.